# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

**ба рисолаи номзадии Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Омӯзиш ва муқоисаи забони тоҷикӣ бо забони англисӣ, ки ҳар ду ба як оила, яъне оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубият дошта, аз рӯйи сохтори морфологӣ низ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, хеле такомул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки нақши забони англисӣ ва омӯзиши он барои тоҷикзабонҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дар кишвари мо низ ба мисли дигар кишварҳои пешрафта омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус, забони англисӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҳамчун васила ҷиҳати рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанги кишвар мусоидат менамояд.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, унвонҷӯ возеҳу бамаврид таъкид намудааст, ки дар охири асри XIX рушди босуръати варзиш ба миён омада, калимаву истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омаданд, ки таркиби луғавии забонро боз ҳам ғановатмандтар гардониданд. Бинобар ин ҳам мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» нахустин таҳқиқот дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ бештари мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳо махсусан ба воситаи тарҷумаи адабиёт, адабиёти мухталиф аз забонҳои хориҷӣ аз ҷумла аз забони англисӣ ва русӣ, инчунин дар шакли иқтибосот аз забонҳои гуногун дохил гардидаанд. Қобили зикр аст, ки ин рисола таҳқиқоти пурмуҳтаво ва арзишманди илмӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз бахшида шудааст.

**Навгонии илмии** таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия аввалин маротиба омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ба роҳ монда шудаст. Аввалин маротиба усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ нишон дода шудааст. Мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардидаст. Нахустин бор дар диссертатсия хусусият ва методҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ муайян карда шудааст. Умумият ва

фарқияти мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявии** таҳқиқ аз он иборат аст, ки маводи диссертатсионии мазкур метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии мафҳумҳо, истилоҳоти варзишӣ ҳангоми тарҷума мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ҳангоми муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои назариявӣ-методии пешниҳодкардашуда доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ ба таври васеъ мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта метавонанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, бо методологияи муносибати низомӣ, консепсияи илми забонишносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола, дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар дигар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 193 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологї, ањамияти назариявӣ ва амалии тањқиқот, объект, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **"Асосҳои назариявии мафҳумҳои соҳаи варзиш"** масоили назариявӣ ва методологии тањқиқот баён гардида, он аз 3 фасл мураттаб шудааст.Дар боби мазкур ҷанбаҳои назариявии вожаҳои соҳаи варзиш дар асоси ақидаҳои олимони соҳаи забоншиносӣ ва ҷойгоҳи калимаҳо ва истилоҳоти соҳаи варзиш дар забони англисӣ. нишон дода шудааст.

Боби дуюми таҳқиқот **"Вижагиҳои тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо ва вожаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ"** номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар он махсусияти тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ, хелҳои тарҷумаи вожаҳои варзишӣ, мусоҳибаи варзишӣ ва

хусусиятҳои тарҷумаи онҳо, нозукиҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ дар матнҳои публитсистӣ баррасӣ гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ мушахассан ифода карда шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои корро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

Аҳамияти таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ чунин хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»бевосита ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд**:

1. Диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи « Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пешниҳод карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Шафоатов Азал Нусратович –** доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов;

- **Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъйин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
профессор узви Шуро Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

**Аъзоён:**
доктори илми филология,
дотсент узви Шуро Матробиён Саодатшо Қосимзода

доктори илми филология,
Дотсент узви Шуро Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

«27» январи соли 2025

Имзоҳои М.Т.Ҷабборова, Г.З.Абдуллоева ва С.Қ. Матробиёнро **"тасдиқ"** менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Халифаев Ф.Н.

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj,
E-mail : ddzt@ddzt.tj